# ТАДБИРҲОИ САМАРАНОКИ ГУЗАРИШ БА ТАҲСИЛОТИ 12-СОЛАИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар оғози асри XXI илми педагогикаи тоҷик ба дастовардҳои назаррасе ноил гашта, мувофиқ ба талаботи замон дар он як қатор андешаҳо ва нуктаҳои назари илмӣ тағйир ёфтанд. Муҳимтарини онҳо тасдиқи равиши, тағйирёбии шаклҳои маърифатии фаъолият, муайян кардани хусусияти марказонида ва мақсаднокии раванд доштани таълим ва гузариш ба таҳсилоти 12-сола мебошад. Бояд гуфт, ки низоми гузариш ба таҳсилоти 12-сола дар болоравии сатҳу сифати таълим, пешрафти хонанда, ояндаи давлат ва миллат нақши авалиндараҷа дорад. Аҳамияти гузаштан ба низоми таҳсилоти 12 – сола он аст, ки хонанда баробари омӯзиш ҳамчун шахсияти комил ҳаёти дурустро интихоб менамоянд. Ин афзалиятҳо барои раванди таълим аҳамияти калон доранд. Методологияи имрӯза бо навовариҳо хусусияти системавӣ дорад.

Ҳадафи асосии методикаи таълими нав ҷанбаи ҷузъи нави мундариҷа, усули инфиродии таълим, тағйирот дар шаклҳои ташкили омӯзиши фаъолияти хонандагон, ки ба ташаккули шахсият дар раванди таълим таъсири мусбат мерасонад, алоқамандӣ дорад. Гузаштан ба таҳсилоти умумии асосии 10-сола, яъне хониши солҳои аввал, қабул ба синфи 1 аз синни 6 солагӣ ва чор соли таҳсили минбаъда, гузаштан ба таҳсилоти миёнаи 12- сола, чор соли охири таҳсил, ба роҳ мондани таълими равиявӣ ва касбӣ. Дар ин замина таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда мешавад. Истифода кардани литсейҳо, коллеҷҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҳамчун захираи равиявӣ ва касбӣ дар ҷумҳурӣ пешниҳод кардан мумкин аст. Тибқи меъёрҳои муайяншуда сохтори таҳсилоти 12-сола се зинаро дар бар мегирад: 1) Зинаи таҳсилоти ибтидоии умумӣ-синфҳои 1 то 5, давомнокии таҳсил 5 сол, 2) Зинаи таҳсили умумии асосӣ синфҳои 6 то 10, давомнокии таҳсил 5 сол, зинаи сеюм зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ синфҳои 11 ва 12, давомнокии таҳсил 2 сол. Дар Консепсияи низоми нави таҳсилот марҳилаҳои гузариш муайян мегардад. Тибқи тахминҳои пешакӣ шумораи иловагии хонандагони синфи 10, ки қисми бештарашон дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ ва тиббӣ таҳсилро идома медиҳад, ҳазорҳо нафарро ташкил медиҳанд. Дар давраи солҳои аввал кӯдакони 6 ва 7- сола ҷалб карда мешаванд, ки шумораи онҳо низ ҳазорҳо нафарро ташкил менамояд.

Дар ҳар сурат, гузаштан ба низоми нави таҳсил дар ҷомеа афзалияти бештар дорад, хусусан, дар мавриди аз байн бурдани мушкилоти соҳаи маориф.

Гузариш ба низоми нав имкон фароҳам меорад, ки Тоҷикистон ба низоми муосири ҷаҳонии таҳсилот наздик шавад. Инчунин, низоми гузариш ба таҳсилоти миёнаи умумии 12-сола барои рушди соҳаи маориф, маълумотнокии ҷомеа ва амалӣ намудани ҳадафҳои рушди ҳазорсола заминаи мусоид фароҳам меорад.

Мақсади асосии фаъолияти муассиса ва донишгоҳҳо баланд бардоштани сифати таҳсилот аст. “Дар ин росто, воридшавӣ ба низоми нави таҳсилоти ҷаҳонӣ (12-сола) ба ҳаёти имрӯзаи мардуми кишвар бахусус, мактабу маориф дар таъмини таҳсилоти босифат, рушди маърифатнокии илмию техникии хонандагон дар маҷмуъ, ба устувор гардидани иқтидори иқтисодии кишвар дар шароити рушди илму техника ба таври мақсаднок мусоидат хоҳад намуд” (Амонӣ, Имомназаров, 23).

Дар маъхазҳо, маълумотномаҳо омадааст, ки дар Осиёи Миёна, дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканду Хуҷанд ва деҳоту шаҳрҳои атрофи он, то ташкили мактабҳои усули нав, то ғалабаи Инқилоби Октябр таълими забони тоҷикӣ ва грамматикаи он идома доштааст. Ниёгони мо то истилои арабҳо мактабҳои худро доштанд, ки писарон аз синни 5- солагӣ ба таҳсил фаро гирифта мешуданд. Ин мактабҳо аслан, дар шаҳрҳо вуҷуд дошта таҳсил бо забони суғдӣ сурат мегирифт. Ин далели он аст, ки фарогирӣ бо таҳсил ҳанӯз аз давраи томактабӣ барои кӯдак шарт ва зарур аст. Дар раванди гузариш ба низоми 12-солаи таҳсилот низ ин афзалиятҳо дар мадди аввал

меистанд, чунки дар синну соли барвақтӣ зеҳни кӯдак тоза буда, қобилияти азхудкунии қавӣ дорад.

Яъне омӯхтани меъёрҳои грамматикаи забони тоҷикӣ дар madди аввал гузошта шуда буд. Таърихи пеш аз инқилобии таълими забони тоҷикӣ ба давраи шуравӣ рост меояд, ки бо фанни педагогика маҷмуи усули таълимиро дар худ акс мекунад. Методикаи таълими забони тоҷикӣ пас аз инқилоб то имрӯз ба ду манбаъ такя мекунад, ки ин методологияи гузашта ва методологияи педагогикаи ҳозира мебошад. Дар зери мафҳуми муҳит маҷмуи ҳодисаҳои гуногуни гирду атроф дар назар дошта мешавад, ки ба инсон таъсир мерасонад. Муҳит дар инкишофи шахс таъсири калон дорад. Дар тадқиқ ва таҳқиқи роҳҳои гузариш ба таҳсилоти 12-сола низ ин омил ба эътибор гирифта шудааст. Дар инкишофи шахс аз ҳама бештар муҳити иҷтимоӣ таъсири калон мерасонад. Сифатҳои беҳтарини инсон дар натиҷаи таъсири муайяни муҳит ва дар ҷараёни алоқаи байни одамон пайдо мешавад.

Таҳсилоти 12-солаи умумӣ, ки бо мақсади беҳтар кардани сифати таълим ва омода кардани насли наврас барои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсис ёфтааст, дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумӣ амалӣ мешавад. Ин низом, ки дар он таълим дар 12 синф (аз синфи 1 то синфи 12) идома меёбад, барои омодасозии мукаммали хонандагон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла илм, технология, математика, адабиёт ва санъат равона шудааст.

Таҳияи барномаҳои таълимии муосир, ки талаботи бозори кор ва талаботи иҷтимоиро дар назар доранд, дар раванди гузариш ба ин низоми таҳсилот пешбинӣ гардидааст. Инчунин, идора кардани барномаҳои таълимии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, ки ба хонандагон имкон медиҳанд, то бо малакаҳои касбӣ шинос шаванд.

Таҳсилоти босифат дар самти омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ки барои рушди қобилиятҳои коммуникативии хонандагон муҳим аст, ҷиҳати омода намудани насли наврас ба ҳаёти мустақилона ва соҳибтахассус гаштани онҳо мусоидат мекунад.

Дар раванди таълим истифода бурдани технологияҳои муосир, ки ба хонандагон имкон медиҳанд, то бо усули нави таълим ошно шаванд, тадбири дигари самараноки гузариш ба таҳсилоти 12 – сола буда метавонад. Ғайр аз ин, ташкил намудани курсҳои иловагӣ ва семинарҳо, ки ба тақвияти дониш ва малакаҳои хонандагон, арзёбии мунтазами дониш ва малакаҳои онҳо, ки барои муайян кардани нуқтаҳои заъф ва тақвият додани онҳо кумак мекунад, ба манфиати кор хоҳад буд. Ташкили ҳамкории самаранок байни оила ва муассисаҳои таълимӣ, ки барои беҳтар кардани раванди таълим ва таҳсилоти иҷтимоӣ ва ахлоқӣ низ ба рушди шахсият ва арзишҳои маънавии хонандагон кӯмак мерасонад. Фароҳам овардани муҳити таълимии солим барои хонандагон, раванди таълимро осон ва самаранок мекунад. Гузашта аз ин, ташвиқ ва дастгирии таҳқиқот ва инноватсия дар соҳаи таълим низ барои беҳтар кардани сифати таҳсилот кумак мерасонад. Андешидани чунин тадбирҳо метавонад барои гузариш ба таъсилоти 12-солаи таълим дар Тоҷикистон самаранок бошад ва ба рушди маърифативу малакаҳои насли наврас мусоидат намояд.

Гузариш ба таҳсилоти 12-сола захираҳои зиёдро талаб мекунад, аммо онро метавон тавассути тадбирҳои зерин самараноктар кард:

1. Гузариши тадриҷан. Яъне низоми нави таҳсилот марҳила ба марҳила, аз синфҳои аввал оғоз карда шавад. Омӯзгорон давра ба давра омӯзонида мешаванд ва барномаҳои нави пешакӣ таҳия мегарданд.

2. Андешидани маҷмуи тадбирҳо оид ба раванди таълим. Маҷмуи тадбирҳое, ки ба беҳтар намудани раванди таълим ва сифати он нигаронида шудаанд. Масалан, истифодаи таълими модулӣ ва технологияҳои рақамӣ барои кам кардани масрафи маводи таълимӣ. Шаклҳои таълими фосилавӣ ва омехта барои омӯзиши баъзе фанҳо.

3. Истифодаи оқилонаи инфрасохтор. Истифода бурдани бинои муассисаи таълимӣ бидуни хеле васеъ кардани он. Дар сурати нокифоя будани ҷой дар ду баст ташкил кардани таълим.

4. Ҷалби захираҳои иловагӣ. Барои маблағгузорӣ бо бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ кардан. Таҳияи барномаҳои грантӣ барои дастгирии омӯзгорон ва муассисаҳо.

5. Арзёбии самаранокӣ. Омода намудани лоиҳаҳои озмоишӣ дар минтақаҳои интихобшуда ва миқёси онҳо. Мониторинги натиҷаҳо ва ислоҳи равишҳо бидуни ислоҳоти шадид.

Чунин тарзи ба роҳ мондани фаъолиятҳо ба кам шудани хароҷот ва идорашаванда будани ислоҳот дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ мусоидат карда метавонад.

***Салоҳиддин Амонӣ - мудири шуъбаи пешбари илмии шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12- сола)***

***Шаҳлои Тоҳириён - ходими пешбари илмии шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12- сола) Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ***